**Такриз**

**ба автореферати диссертатсияи Таваров Дилшодҷон Саидмуродович дар мавзӯи «Раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар шароити муосир (таҷрибаи Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ (илмҳои сиёсӣ)**

Диссертатсияи Таваров Д.С. ба омӯзиши масъалаи хеле муҳими замони муосир бахшида шуда, аҳамият ва муҳиммияти таҳқиқоти мазкур, пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки муаллиф раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотиро дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо дарназардошти сиёсати иттилоотонии мамлакат баррасӣ ва таҳқиқ намудааст. Аз ин рӯ, хулосаҳои муаллиф ва натиҷаҳои таҳқиқот барои рушду инкишофи ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи хуби илмию назариявӣ фароҳам меоварад. Автореферат ва мундариҷаи асосии таҳқиқот, ки дар автореферат инъикос ёфтааст, шаҳодат аз он медиҳад, ки муаллиф паҳлуҳои гуногуни раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотиро баррасӣ намуда, дар таҳқиқи он доираи васеи адабиёти илмиро истифода кардааст.

Таҳлили матни автореферат нишон медиҳад, ки таҳқиқоти мазкур бо риояи мантиқи пай дар пайии хос анҷом дода шуда, дар он муносибати аз кул ба ҷуз ва баръакс аз ҷузъ ба кул ба осонӣ мушоҳида мегардад. Яъне, дар боби аввал муаллиф ба омӯзиши ҷомеаи иттилоотӣ машғул гардида, онро ба таври умумӣ таҳқиқ намудааст. Сипас дар боби дуюм ба омилҳои сиёсии рушду инкишофи ин навъи ҷомеа таваҷҷуҳ зоҳир намуда, соҳаи сиёсат ва идоракунии давлатиро бо дарназардошти истифодабарии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ матраҳ кардааст. Дар боби сеюм бошад боз ба масъалаи рушди ҷомеаи иттилоотӣ баргашта, ташаккулёбӣ ва мушкилоту дурнамои рушди онро дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намудааст. Чунин тарзи муносибат ба муаллиф имкон додааст, ки дар самти амалинамоии мақсади таҳқиқот ба натиҷаҳои назаррас ноил гардад.

Бо дарназардошти мундариҷаи автореферат гуфтан мумкин аст, ки навоварии илмии таҳқиқот, пеш аз ҳама, бо коркарди фаҳмиши муосири ҷомеаи иттилоотӣ асоснок карда мешавад, ки дар заминаи он қонуниятҳои рушду инкишофи ин навъи ҷомеа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушкилот ва монеаҳои дар ин самт мавҷудбуда ошкор гардидаанд. Таҳқиқи илмии ин масъала ба муаллиф имкон додааст, ки вобаста ба рушду инкишофи ҷомеаи иттилоотӣ чунин фарзияро муқаррар намояд: рушду инкишофи ояндаи мамлакат ва таъмин намудани пешрафти соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятии кишвар аз рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва инфрасохтори иттилоотӣ вобастагии зиёд дорад. Ҳарчанд дар мамлакат, айни замон, заминаҳои ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ ба вуҷуд оварда шуда бошанд ҳам, лекин нокифоя будани мутахассисон, дар сатҳи паст қарор доштани истифодабарии шабакаи интернет ва аз ҳама муҳим, то ҳанӯз вуҷуд надоштани системаҳои иттилоотии соҳавӣ, мушкилиҳое мебошанд, ки дар ояндаи наздик бояд ҳаллу фасл гарданд.

Натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаҳои илмии муаллиф, пеш аз ҳама, аҳамияти зиёди назариявию амалӣ доранд. Таҳқиқоти мазкур, пеш аз ҳама, дар шароити Тоҷикистон барои омӯзиши минбаъдаи ҷомеаи иттилоотӣ ва рушду инкишофи он заминаи илмию назариявӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, натиҷаҳои таҳқиқот барои муҳаққиқоне, ки ба омӯзиши дигаргуниҳои сифатӣ ва равандҳои сиёсии замони муосир машғуланд, аҳамияти зиёди илмию назариявӣ доранд. Хулосаҳои таҳқиқоти мазкурро дар самти таҳияи барномаҳои давлатӣ ва стратегияҳои рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ истифода намудан мумкин аст. Зеро дар асоси таҳлилу таҳқиқи консепсияҳои илмӣ зарурати ташаккулдиҳии ҷомеаи иттилоотӣ нишон дода шудааст, ки он барои асоснок намудани дурустии стратегияҳои давлатӣ ва сиёсати иттилоотонии мамлакат аҳамиятнок мебошад.

Дар маҷмӯъ, гуфтан мумкин аст, ки таҳқиқоти Таваров Дилшодҷон Саидмуродович дар мавзӯи «Раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар шароити муосир (таҷрибаи Тоҷикистон)» бо дарназардошти талаботҳои соҳаи илм анҷом дода шуда, ба талаботи муқарарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Таҳқиқоти мазкур кори илмию таҳқиқотии анҷомёфта ба шумор рафта, бо ихтисоси илмии 23.00.02 – ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мувофиқат менамояд ва аз ин рӯ, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ мебошад.

Номзади илмҳои сиёсӣ,
мудири кафедраи ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ____________________ Ҳусайнзода А.Б.

Имзои Ҳуссейнзода А.Б.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДК ба номи А.Рӯдакӣ ____________________ Давлатов М.А.

Суроғаи муқарриз:
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров, 16.
Телефон: (+992 33 22) 2-35-06
E-mail: info@kgu.tj